# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10 декабри соли 2025, №109**

Барои сазовор донистани Сафарзода Мунир Ватан шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 29 августи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №87-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сафарзода Мунир Ватан 11.03.1987 таваллуд шуда, соли 2010 Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлобро бо ихтисоси таъминоти барномавии техникаи ҳисоббарор ва системаҳои автоматӣ (дипломи ДТО № 0080476) хатм намудааast.

Сафарзода Мунир Ватан соли 2014 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Компьютерное моделирование как важный фактор формирования творческих способностей учащихся при обучении математических задач” дар шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳти роҳбарии Юнусов Ш.Ю. ҳимоя намудааст.

Сафарзода Мунир Ватан солҳои 2010-2011 ба ҳайси тарҷумони забони русӣ ва англисӣ дар ҶДММ “Заршедабону”, солҳои 2011-2012 ассистенти кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2012-2013 мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва низоми кридитии таҳсилоти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2013-2014 сармутахассиси маркази бақайдгирӣ ва низоми кридитии таҳсилоти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, саромӯзгори кафедраи илмҳои педагогии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2014-2016 декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии

Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2016-2019 декани факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, давоми солҳои 2017-2020 дотсенти кафедраи илмҳои компютерӣ, соли 2020 ҷонишини декан оид ба таълими ғоибонаи факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2020-2022 сардори маркази фосилавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2022-2023 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги донишгоҳи мазкур, аз соли 2023 то моҳи майи соли 2025 муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият кардааст. Аз 28 майи соли 2025 инҷониб дар вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” фаъолият карда истодааст.

Сафарзода Мунир Ватан солҳои 2017-2023 дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Кори диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30 сентябри соли 2017, № 2/4 тасдиқ шудааст.

Мушовири илмӣ: Ҷумъахон Алимӣ - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Муқарризони расмӣ:

Каримова Ирина Холовна – доктори илмҳои педагогӣ, академик, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

Дар тақризи мусбати худ, аз 20 ноябри соли 2025, протоколи №4-А, ки онро раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва

варзиши Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хурав”, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Холмуродов Ф.Р., эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хурав” Абдураҳимзода Қ.С., котиби илмии ҷаласаи, номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хурав” Каримова М.М. имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои навгонй ва натиҷаҳои баланди илмӣ мебошад ва онро метавон аз бозёфтҳои назарраси муаллиф дар соҳаи педагогикаи ватанӣ арзёбӣ намуд. Матлаб - асолати маърифатии калонсолон дар доираи асосҳои назариявӣ ва амалии илми андрагогика маҳсуб ёфта, он ба маънии комил ва аслиаш роҳнамоии рушди касбии калонсолон дар самти такмили ҳамаҷонибаи маърифатй-зеҳнии онҳо мебошад. Дар ин ҷода муҳим он аст, ки такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ асоснок гардида, мақому манзалати педагогии онҳо дар роҳи расидан ба ҳадафҳои таҳсили калонсолон дар рисола матраҳ ва пешниҳод шудааст.

Рисола дар асоси таҳқиқи осори гаронарзиши донишмандони илми педагогикаи муосири ватаниву бурунмарзӣ таҳия гардида, ҳамзамон дар роҳи иҷрои пешниҳод, дастур ва супоришҳои дар Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалй Раҳмон оид ба роҳандозӣ ва такмили роҳу усулҳои пешқадами таълими қишрҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла, калонсолон мусоидат мекунад.

Кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти проблемавӣ дар соҳаи андрагогика дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, натиҷаҳои бадастомада асосҳои илмӣ ва амалии таълими калонсолонро ташкил медиҳад ва дар омӯзишу баррасии ҳамаҷониба ва васеи мавзуъ кумаки калон мерасонад.

Диссертатсия, бешубҳа, ба масъалаи муҳимми иҷтимой низ таваҷҷуҳ карда, дар рушди ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Ташвиқи таълими калонсолон дар доираи барномаҳои таълимии босифат метавонад ба эътирофи ин раванд мусоидат намояд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии мамлакат ҳиссаи арзанда мегузорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан аҳаммияти калони

илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва илми кишвар ва таълиму маърифатнокии калонсолон мусоидат хоҳад кард.

Инчунин, қайд шуд, ки Сафарзода Мунир Ватан довталаби дараҷаи илмӣ 4 монография, 3 дастури таълимӣ ва 53 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 34 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Мирализода А. М. Андрагогика: Ҷанбаҳои рушди таълими ғайрирасмӣ ва такмили ихтисос [Матн] / А.М. Мирализода, М.В. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (26). – С. 95-103. – ISSN 2616-5260.

[2-М]. Сафаров, М. В. Амсилаҳои андрагогии таълим [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 88-91. – ISSN 2219-5408.

[3-М]. Сафаров, М. В. Андрагогика: моҳият, ҳадаф ва мазмун [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3\5. – С. 259-262. – ISSN2074-1847.

[4-М]. Сафаров, М. В. Андрагогический подход к адаптационным системам образования взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2017. – №5 (72). – С. 29-33. – ISSN 2219-5408.

[5-М]. Сафаров, М. В. Асосҳои андрагогии рушди касбии шахсият [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №3 (75). – С. 141-145. – ISSN 2219-5408.

[6-М]. Сафаров, М. В. Андрагогика-педагогикаи инноватсионӣ [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3/4. – С. 295-297. – ISSN2074-1847.

[7-М]. Сафаров, М. В. Главные направления совершенствования образования в новых условиях [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №7. – С. 220-225. – ISSN2074-1847.

[8-М]. Сафаров, М. В. Дети и вопросы дополнительного образования [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2017. – №1/4 (49). – С. 158-162. – ISSN 2309-6764.

[9-М]. Сафарзода, М. В. Истифодаи технология ва усулҳои таълими ғайрирасмии калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (31). – С. 172-182. – ISSN 2616-5260.

[10-М]. Сафаров, М. В. Истифодаи технологияи педагогӣ ва усулҳои гуногуни таълими ғайрирасмӣ [Матн] / М.В. Сафаров, А.М. Мирализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 161-169. – ISSN2074-1847.

[11-М]. Сафаров, М. В. Марҳилаҳои рушди назария ва амалияи таълими калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паѐми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни. – Душанбе, 2018. – №1 (73). – С. 56-63. – ISSN 2219-5408.

[12-М]. Сафаров, М. В. Масъалаҳои муҳимми истифодаи андрагогика дар ташкили ҷараѐни таълим дар мактабҳои олӣ [Матн] / М.В. Сафаров // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10 (1). – С. 303-306. – ISSN2074-1847.

[13-М]. Сафаров, М. В. Моделҳои андрагогии таълим [Матн] / М.В. Сафаров // Паѐми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 88-91. – ISSN 2219-5408.

[14-М]. Сафаров, М. В. Назария ва методҳои таълими расмӣ, ѓайрирасмӣ ва информалии калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров, А.М. Мирализода // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 267-274. – ISSN2074-1847.

[15-М]. Сафаров, М. В. Неформальное образование и Европа (в соавторстве) [Текст] / М.В. Сафаров, Дж. Алими // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – Душанбе, 2017. – №1/4 (49). – С. 113-117. – ISSN 2309-6764.

[16-М]. Сафаров, М. В. Неформальное образование и образование для взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 203-207. – ISSN2074-1847.

[17-М]. Сафаров, М. В. Педагогика ва андрагогика [Матн] / М.В. Сафаров // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №2. – С. 224-226. ISSN2074-1847.

[18-М]. Сафаров, М. В. Педагогические аспекты социализация [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2016. – №3/7 (214). – С. 317-319. – ISSN2074-1847.

[19-М]. Сафаров, М. В. Принсипҳои асосии андрагогика [Текст] / М.В. Сафаров // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3\7. – С. 213-215. – ISSN2074-1847.

[20-М]. Сафаров, М. В. Рушди таълими калонсолон дар шароити нави ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.В. Сафаров // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 290-293. – ISSN2074-1847.

[21-М]. Сафаров, М. В. Система непрерывного образования и обучение взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №1. – С. 285-290. – ISSN2074-1847.

[22-М]. Сафаров, М. В. Социокультурная модернизация и неформальное образование взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 219-224. – ISSN2074-1847.

[23-М]. Сафаров, М. В. Статус андрагогики в системе человекознания [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2017. – №4 (71). – С. 25-29. – ISSN 2219-5408.

[24-М]. Сафаров, М. В. Таълими калонсолон соҳаи пешбурди рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.В. Сафаров // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №7. – С. 196-203. – ISSN 2074-1847.

[25-М]. Сафаров, М. В. Таълими модулӣ ҳамчун технология ва шакли таълими калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паѐми Донишгоҳи давлатии Қурѓон-

Теппа ба номи Носири Хусрав. – Душанбе, 2018. – №1/2 (53). – С. 106-109. – ISSN 2309-6764.

[26-М]. Сафаров, М. В. Технология обучения взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – Душанбе, 2018. – №1/1 (51). – С. 99-105. – ISSN 2309-6764.

[27-М]. Сафаров, М. В. Усулҳои андрагогии таълим ва такмили тахассус [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №8. – С. 259-262. – ISSN 2074-1847.

[28-М]. Сафаров, М. В. Усулҳои анъанавӣ ва инноватсионии таҳсилот [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 277-280. – ISSN2074-1847.

[29-М]. Сафаров, М. В. Ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар системаи такмили ихтисос [Матн] / М.В. Сафаров, А.М. Миралѝзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 270-279. – ISSN2074-1847.

[30-М]. Сафаров, М. В. Шахси калонсол-субъекти таълим [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2017. – №3 (70). – С. 31-36. – ISSN 2219-5408.

[31-М]. Сафаров, М. В. Взаимодействие формального, неформального и информального образования [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. – Душанбе, 2018. – №1 (18). – С. 16-21. – ISSN 2616-5260.

[32-М]. Сафаров, М. В. Нақши таълими ғайрирасмӣ дар ташаккул ва рушди такмили тахассуси калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2021. – №1 (25). – С. 95-103. – ISSN 2616-5260.

[33-М]. Сафаров, М. В. Факторы и тенденции системы неформального образования педагогических кадров [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. – Душанбе, 2018. – №2 (19). – С. 9-15. – ISSN 2616-5260.

[34-М]. Сафаров, М. В. Рушди сафати таълим ва андрагогика [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2019. – №2 (23). – С. 11-18. – ISSN 2616-5260.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, ки дар тақризи мазкур баён гардид, дар диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ ва имлоӣ ҷой доранд. Аз ҷумла:

1. Доираи дарбаргирии рисолаи докторӣ дар сурати омӯзиш, таҳлил ва хулосабандии марказҳои таълими калонсолон ва филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ (шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ҳалли проблема ва қимати корро ба маротиб меафзуд.

2. Ҳарчанд дар қисмати таҳлили таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба методология ва роҳу равиши таълими калонсолон дар адабиёти илмӣ афкори муҳаққиқон ва донишмандон таҳлил шуда бошад ҳам, нигоҳи интиқодии муаллифро бештар дидан мехостем. Таҳлил ва тавсифи натиҷаҳои

бадастомада дар муқоиса бо таҷрибаи ҷаҳонӣ ва нишондиҳандаҳо арзиши рисоларо равшантар мекард.

3. Ба фикри мо, агар докторант дар матни диссертатсия ноқисиҳои услубӣ-техникии аз диди меъёрҳои забонӣ мавҷударо ислоҳ мекард, сифати кор хуб ва мутолиаи ин ба оммаи васеи хонандагон возеҳтар мегардид.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарзода Мунир Ватан сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 20-уми ноябри соли 2025, суратҷаласаи № 4-А муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷой дода шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Негматов Садуллоҷон Эргашевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ аст. Муқарриз эрод надорад.

2. Назаров Аҳтам Пулотович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи Технологияи рақамӣ ва амнияти кибериии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ аст. Муқарриз эрод надорад.

3. Файзализода Баҳрулло Файзалӣ – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Тақриз мусбӣ аст. Муқарриз эрод надорад.

4. Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низоми зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ аст. Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки, автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Сафарзода Мунир Ватан барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 29 августи соли 2025, №87-ИҲ, тибқи банди 61 Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон **таҳқиқ карда шуд**;

- раванди ташаккул ва тамоюлоти асосии таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон бо шумули таҷрибаи даврони шуравӣ **таҳқиқ карда шуд**;

– хусусиятҳои хоси таълими калонсолон дар робита бо асосҳои назариявӣ ва методологии илми андрагогика таҳқиқ гардида, роҳу усули мушаххаси фаъолияти ин қишри муҳимми ҷомеа коркард **карда шуд**;

- масъалаҳои назариявии фан пурра муайян шуда, ҳар як ҷанбаи фалсафии фан рушд, антропологияи муошırату коммуникатсионӣ рӯшан намуда шавад амсилаҳои таълими ашхоси калонсол дар системаи такмили тахассус мавриди санҷиш қарор ёбаду дар таҷоруби самти мазкури таҳсилот **ба роҳ монда шуд;**

**-** ҳар як ҷанбаи дидактикӣ дар ТҒ дар системаи инкишофи касбиву педагогии андрагогӣ муосир қонуниятҳои сохтор, фаъолият ва рушди он аз мавқеи табиати илми андрагогика дар низоми такмили ихтисос муайян ва такмил дода **шуд**;

- камбудиҳои асосии методологии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва коркарди технологияи ошкорсозии сабабу омилҳо, муқаррар кардани роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо **муайян гардиданд;**

- мушкилоти муҳаққиқони ватанӣ ҷиҳати риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳия, ороиш, пешниҳод ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ **ошкор ва асоснок карда шудаанд;**

- ҷамъоварии маълумоти объективӣ ва илмӣ дар бораи амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ **пешниҳод карда шуданд;**

- дараҷаи имконияти истифодаи назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон **мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

– мафҳуми ТК васеъ гардида, дар ин замина таҳаввулоти ғояҳо ошкор карда шуд, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни ТҒ муайян гардида, бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим **мавриди баррасӣ қарор дода мешавад;**

- ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар ТК пешбинӣ шудааст **мусоидат менамояд;**

- заминаҳои асосии ташаккул ва рушди таҳқиқоти педагогӣ дар асоси шароитҳои мушаххаси сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вазъи илм, маориф, **мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешаванд;**

- асосҳои ташаккул ва рушди пажӯҳишҳои педагогӣ дар заминаи суннатҳо, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ **омӯхта мешаванд;**

- ба сифати методологияи калидӣ истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии ТК асоснок гардида, тибқи он фаъолияти коммуникатсионии омӯзандагон **муқаррар карда мешаванд;**

– таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ **таҳия ва таълиф мегарданд;**

– муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими мазкур **мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- мафҳуми ТК васеъ гардида, дар ин замина таҳаввулоти ғояҳо ошкор карда шуд, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни ТҒ муайян гардида, бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим **мусоидат менамояд.**

- дар шуроҳои диссертатсионӣ баррасии диссертатсияҳо вобаста ба масъалаи мазкур беш аз пеш беҳтар гардида, риояи талаботи методологӣ ва расмӣ аз ҷониби унвонҷӯён, асосан, **таъмин мегардад;**

- ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар ТК пешбинӣ шудааст, дар назарияи ТК пешниҳод шудааст, **таъмин мегардад;**

- ба сифати методологияи калидӣ истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии муоширати барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии ТК асоснок гардида, тибқи он фаъолияти коммуникатсионии омӯзандагонро **фаро мегирад;**

- таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) пешниҳод карда шудааст, ки он имкон медиҳад ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии омӯзишро ҳамчун асос барои дониши нави назариявии ТҒ **ба назар мегирад;**

- омузиши ин раванд дар муносибат бо хонандагони синфҳои болоӣ яке аз самтҳои нави таҳлили дидактикиро **фароҳам меоварад;**

- ҷузъҳои назарияи ТҒ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ **таъмин мегардад;**

- ҷанбаи дидактикии ТҒ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараѐни таълими педагогон **равона мегардад;**

- барои рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва мутобиқсозии пажӯҳишҳои илмӣ ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ бояд ба сифати самтҳои асосиву афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ омӯзиши хусусиятҳои сиѐсати давлатӣ дар соҳаи маориф, фалсафаи таҳсилот дар асри иттилоот, равандҳои инноватсионӣ ва демократикунонӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот **мусоидат менамояд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ташкили мақсадноки технологияи равандҳои китобдорӣ-библиографӣ ва васеъ намудани имкониятҳои қабул ва арзѐбии селаи иттилоотӣ-ҳуҷҷатӣ ѐрӣ расонида, ба ин васила, ба раванди таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ **мусоидат менамоянд;**

**-** натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмӯи муқарраротi назариявӣ ва амалӣ оиди истифодаи низоми равишҳои методологӣ дар таҳияи назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ **танзим карда мешаванд;**

- дар заминаи дастовардҳои назариявӣ ва амалӣ оиди истифодаи маҷмуи усулҳои иловагии таҳқиқот, ки ба ҳадаф, фарзия, вазифаҳо ва масъалаи ҳалшаванда аз ҷониби коршиносон **анҷом дода мешаванд;**

- таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи ғании баланд бардоштани сатҳи тахассус дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ва маълумоти дар таҳқиқоти қаблӣ гирифташуда **муҳаё мегардад;**

- **м**уҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шакли мақолаи илмӣ-методӣ, дастур ва ҷузъаҳои алоҳида ба омӯзгорону мутахассисон **дастрас гардонида мешаванд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ **пешниҳод ва муҳокима гардиданд;**

- маводди таҳқиқоти анҷомѐфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд **мавриди истифода қарор дода мешаванд.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

**- дар ҷамъоварии маводи фактуалӣ барои рисола**, аз он ҷумла коркарди методологияи ҷамъ овардани фактҳо, методи коркарди натиҷаҳо, баҳогузории ба дараҷаи лозимӣ дуруст ва кофӣ будан барои анҷоми корҳо аз болои рисола;

**- чопи кардани мақолаҳои илмӣ** дар нашрияҳои аз тарафи КОА тавсияшуда; мавҷудияти мақолаҳои илмӣ дар маводҳои конференсияҳои мухталиф;

**- иҷрои корҳоии назариявӣ ва таҷрибавӣ** аз рӯи мавзуи таҳқиқотии рисола, ки дар қисми хотимавӣ механизми аз тарафи муаллиф коркардашудаи ҳалли мушкилоти омӯхташуда, баҳодиҳии пешакӣ ва вариантҳои рушди объекти тадқиқшаванда, чорабиниҳои дурнамоӣ, ки барои бештар шудани самаранокии амалкунии он мусоидат мекунанд ва ғайра;

- **омодасозии матни ниҳоии бобҳои диссертатсия,** ки қисми амалии он ҳатман бояд таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи ҳолати ҷории мавзуи таҳқиқшаванда бо истифодаи усулҳои замонавии коркард ва шарҳи маълумотро тибқи технологияи компютерӣ ва ба расмият даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;

- **пешниҳоди таҳқиқоти диссертатсионӣ барои баррасӣ ва муҳокима** ба кафедраи умумидонишгоҳии педагогика.

**Инчунин, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати узви шурои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзидааст.

Дар маҷлис аз 10 декабри соли 2025, №109 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Сафарзода Мунир Ватан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 9 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

И.в. Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 10.12.2025

Мухри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА